## 5350 - Оё оятапкурсиро пеш аз хоб бо овози баланд мехонад?

### савол

Пеш аз хоб оятапкурсиро мехонам, ба ман гуфта шуд, ки агар онро бихонам, шайтон маро азият намедиҳад. Оё воҷиб аст, ки онро бо овози баланд, ё дар худам (бо овози паст) бихонам ва аз шайтон ҳимояшуда ҳастам ?

### Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Дар Саҳиҳ-и Бухорӣ, аз ҳадиси Абуҳурайра (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) собит шудааст, ки гуфт:

Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) нигаҳбонии закоти рамазонро ба ман супурд. Шахсе омад ва ба дуздидани таом (гандум) оғоз кард. Ман ӯро дастгир намуда, гуфтам: Туро ба назди расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) хоҳам бурд... Абуҳурайра ҳадисро нақл кард.

Ӯ гуфт: Ҳангоме ки ба ҷойгаҳи худ даромадӣ, оятапкурсиро бихон, аз ҷониби Аллоҳ таъоло бароят муҳофиз ва нигаҳбоне гузошта мешавад ва то субҳ шайтон ба ту наздик намешавад.

Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: Ба ту рост гуфтааст, вале ӯ бисёр дурӯғгӯй аст. Ӯ шайтон аст.   (Рақами ҳадис: 4624)

Аз ин хотир хондани оятапкурсӣ суннат ва машрӯъ аст. Онро бо овозе бихон, ки онро худ шунавӣ.

Аллоҳ донотар аст.